Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешбини шудааст.**

Дар шароити афзоиши таваррум ва пурзӯр шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ мушкилоти таъмини амнияти молиявии кишвар шиддат мегирад, ки аз давлат таҳияи маҷмӯи чораҳои муҳофизатӣ ва тағйир додани стратегияи амнияти миллиро дар самти рушди иқтисодии кишвар тақозо мекунад. Амнияти молиявӣ дар сохтори амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи асосиро ишғол мекунад, зеро иқтисодиёти давлатӣ бидуни молияи давлатӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар натиҷа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини дараҷаи зарурии амнияти молиявии кишвар чораҳои зарурӣ меандешад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони муосир рақамикунонии иқтисодиёт бо суръати шаддит таъмин гардида истодааст, аз ин лиҳоз барои пешрафти технологӣ омили асосии таъсиррасонанда афзоиши накши молия ҳисобида мешавад. Яъне рақамикунонӣ талаботро ба пардохтҳои ғайринакдӣ афзун намуд, ки ин аллакай устуворгардонии амнияти молиявии кишварро тақозо мекунад.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии устуворгардонии амнияти молиявии кишвар таҳти таҳқиқот қарор гирифтааст. Аз ҷониби муаллиф омилҳои дохилию беруние, ки ба амнияти молиявӣ таъсири худро мерасонад гуруҳбандӣ карда шуда, роҳҳои ҳали он пешкаш карда шудааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии кишвар зери таҳқиқот қарор гирифтааст. Дар баробари ин муаллиф самтҳои асосӣ доир ба устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявию амалӣ иҷро гардидааст, баъзе камбудиҳо низ дар он вуҷуд доранд, аз ҷумла:

1. Дар автореферат муаллиф омилҳои таъсиррасонро ба амнияти молиявии кишвар нишон додааст, аммо меъёрҳои онҳо пешниҳод нагардидааст.
2. Инчунин аз ҷониби муаллиф раддабандии кишварҳо, аз ҷумла мавкеи Тоҷикистон аз рӯйи амнияти молиявӣ нишон дода нашудааст.

Новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта рисолаи диссертатсионӣ таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мазмуни мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии устуворгардонии амнияти молиявии мамлакатро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи "Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ", аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгуи талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод арзандаи дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи истифодабарии
техникии нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан -и
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Шералиев А.Қ.

Имзои Шералиев А.Қ-ро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734042, Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо 10, саҳифаи интернетӣ: ***Web:*** ***www.ttu.tj*** ***E-mail:*** ***info@ttu.tj.*** Телефон: *Тел.: (+99237) 221-35-11*